# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

**Парвандаи аттестатсионии № ____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 17 июли соли 2025, №75**

Барои сазовор донистани Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ».

Аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя 8 майи соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №49-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ 22.02.1994 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2017 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ, санъати мусиқӣ (**дипломи сурх ДОА №0010761**) хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ аз 2 октябри соли 2017 ба ҳайси ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими забони тоҷикӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз ёфтааст. Солҳои 2018-2022 ҷонишини декан оид ба тарбияи факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, солҳои 2022-2023 ҷонишини декан оид ба таълими ғоибонаи факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, солҳои 2023-2025 мутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолият кардааст. Аз моҳи марти соли 2025 инҷониб фаъолияташро ба ҳайси сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои

махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ идома бахшида истодааст.

Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ солҳои 2019-2022 ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (фармоиши қабул аз 23.11.2019, №181) корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ», дар ҷаласаи шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» аз 30.04.2019, №9 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Ҷумъахон Алимӣ - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ».

Муқарризони расмӣ:

Иматзода Лутфия Маҳмадулло – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

Акмалова Малоҳат Абдуллоевна – номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи табиӣ-риёзии Коллеҷи тиббии шаҳри Гулистони вилояти Суғд ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ».

Дар хулосаи мусбат додашуда аз 10.06.2025, протоколи №10/06, ки онро раиси ҷаласа, Мансурова Ҷ. С. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои педагогӣ Арбобова Ф. имзо карда, ректори Донишгоҳ - доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И.. тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки “...диссертатсияи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ як кори илмии мукаммал буда, ба ҳалли масъалаи муҳимми педагогӣ - ташаккули рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи

хонандагони синфҳои ибтидоӣ равона гардидааст. Таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти илмӣ ва амалии назаррас буда, барои рушди минбаъдаи назария ва амалияи педагогика мусоидат хоҳад кард. Муаллиф самаранокии омилҳо ва шароитҳои педагогиеро, ки барои ташаккули рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагон истифода шудаанд, арзёбӣ кардааст. Муаллиф хулосаҳои худро дар бораи натиҷаҳои таҳқиқот баён карда, пешниҳодҳо оид ба такмил додани раванди ташаккул ва рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ пешниҳод намудааст".

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур на танҳо дорои аҳамияти назаррас аст, балки бо арзиши ҳадафмандии худ дар амалия ва назарияи раванди ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила, махсусан, дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҷассум меёбад. Бо назардошти ин, масъалаи таҳқиқотии пешниҳодгардида дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

Дар ҳамин асос метавон ба натиҷа расид, ки кори таҳқиқотии Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ» таҳқиқоти баанҷомрасида буда, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чопнамудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, фарогири мавзуи диссертатсия мебошад.

Инчунин, қайд гардидааст, ки Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 17 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 10 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М]. Муҳаммадӣ, А. Асосҳои педагогии тарбия ва ташаккули муносибатҳои оилавӣ дар низоми нави таҳсилот / А.Муҳаммадӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Д.: 2022,№8.-С.278-284 (бо забони тоҷикӣ).

[2-М]. Муҳаммадӣ, А. Таҳқиқотҳо оид ба тарбияи арзишҳои умумибашарӣ ва демократӣ / А.Муҳаммадӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Д., 2019, №7. - С. 313-317 (бо забони тоҷикӣ).

[3-М]. Муҳаммадӣ, А. Особенности воспитания общечеловеческих и демократических ценностей школьников / А. Мухаммади // Вестник

Таджикского национального университета.- Д.,2019, №5 Часть II.-С.255-260 (на русск.яз.).

[4-М].Муҳаммадӣ, А. Тарбияи арзишҳори демократӣ: вижагиҳо ва тавсиф / А. Муҳаммадӣ / Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. -Д., 2019, 1(30). - С.37-43 (бо забони тоҷикӣ).

[5-М]. Муҳаммадӣ, А. Озмоиши технологияи нави тарбияи арзишҳои умумибашарӣ ва демократӣ дар низоми муассисаи таълимиҳои таҳсилоти ҳамагонии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Муҳаммадӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ.-Д., 2019.№2 (23). - С. 58-63(бо забони тоҷикӣ) .

[6-М]. Мухаммадӣ, А. Мазмун ва моҳияти тарбияи арзишҳои умумибашарӣ ва демократӣ /А.Муҳаммадӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Д., 2020, №8. - С. 241-246 (бо забони тоҷикӣ).

[7-М] Ҷумахон, А., Абдураҳмони М. Асосҳои педагогии тарбия ва ташаккули муносибатҳои оилавӣ дар низоми нави таҳсилот / Муҳаммадӣ А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 8, 2021. - С. 229 - 305. ISSN 2074-1847(бо забони тоҷикӣ) .

[8-М] Абдураҳмони М. Мушкилоти тарбияи оилавӣ / Муҳаммадӣ А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 11, 2022. - С. 300 - 305. ISSN 2074-1847 (бо забони тоҷикӣ).

[9-М] Абдураҳмони М. Баъзе хусусиятҳои масъалаҳои тарбиявӣ / Муҳаммадӣ А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 12, 2022.- С. 282 – 287. ISSN 2074-1847. ISSN 2222-9809 (бо забони тоҷикӣ) .

[10-М] Абдураҳмони М. Коллективи педагогии мактаб, ҳамкории оила ва ҷамоатчигӣ нисбати вазъи таълим ва тарбияи кӯдакони хурдсол/ Муҳаммадӣ А.//Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон №3(48), 2023.-С. 45-51 (бо забони тоҷикӣ).

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва баланд шудани сатҳ ва дараҷаи таҳқиқоти мазкур мегардад. Аз ҷумла:

1. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои китобатӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки эҳтимол сабаби техникӣ доранд. Ин норасоиҳо бояд дар марҳилаи таҳрири ниҳоӣ ислоҳ карда шаванд.

2. Агар дар диссертатсия адабиёти илмӣ-методии олимони тоҷик ба таври фарогиртар инъикос меёфт, ин метавонад ҳамчун далели истифодаи таҷрибаи илмии онҳо дар ҳалли масъалаи мавриди таҳқиқ арзёбӣ шавад ва бешубҳа, аз нигоҳи илмӣ фоидабахш мегардид.

3. Дар диссертасия аҳёнан дар баъзе маврид норасоӣ ва нофаҳмогӣ дар шарҳу тафсири диаграмма ва ҷадвалҳо ба назар мерасад. Беҳтар мебуд агар ин масъала дар шакли дигар ифода мегардид ё муҳаққиқ онро моҳиятан тафсир менамуд.

Бояд таъкид кард, ки ин эродҳо ҷузъӣ буда, ба арзишу сатҳи илмии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти гузаронидаи диссертант арзишҳои назаррасро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии мафҳуми диссертатсия дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, вазифагузории он, аҳамияти назариявию амалӣ гувоҳи онанд.

Хулоса, диссертатсияи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқарраротӣ бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Тоҳирҷон омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 1**0**.0**6**.2025, протоколи **№10/06**, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Мухаметов Гапур Бабаевич - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони русӣ барои факултетҳои ғайри филологии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Тақриз мусбат мебошад.

2. Каримзода Шавкат – номзади илмҳои педагогӣ, директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

3. Нориён Зарина Ислом – номзади илмҳои педагогӣ, директори литсейи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Муқарриз эрод надорад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 8 майи соли 2025, №49-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки** дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин **иҷро шудаанд:**

- маҷмуи муқаррароти заминаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ **муайян ва асоснок карда шудааст;**
- моҳият, мазмуну муҳтаво ва роҳу шароитҳои рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ **ошкор карда шудааст;**
- шароитҳои педагогии ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагон муайян, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва ба таври озмоишӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда, самаранокии онҳо **собит карда шудааст;**
- ҷузъҳо ва нишондиҳандаҳои сатҳи ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар фаъолияти омӯзгорӣ **аниқ карда шудааст;**

- тавсияҳои методӣ роҷеъ ба ташаккули самараноки ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар фаъолияти педагогӣ **коркард ва пешниҳод карда шудааст.**

- самаранокии дар амал татбиқ намудани он ба таври озмоишӣ **санҷида шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- муқаррароту тавсияҳои назариявии дар диссертатсия ироа шуда ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад, ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода **қарор гирифта метавонад;**

- масоили ташаккул ва рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва инъикоси он дар адабиёти педагогӣ омӯхта, таҳлилу **баррасӣ карда мешаванд;**

- моҳият ва вижагиҳои ташаккули ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар фаъолияти таълимиву тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **ошкор ва аниқ карда мешаванд;**

- шароитҳои педагогии ташаккули ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуда, мавриди озмоиш **қарор дода мешаванд;**

- усулҳои самаранок ва инноватсионии ташаккули ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагон **мушаххас карда шуданд**, ки ба ташаккул ва рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ **мусоидат карда метавонад.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- таҳияи тарзу воситаҳои ташхисӣ барои муайян кардани мавҷудият ва сатҳи салоҳияти падару модарон **метавонад** дар ҳалли масъалаҳои ташаккул ва рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва талаботи онҳо ба худрушддиҳӣ дар шароити муосири муассисаҳои таълимӣ **кӯмак расонанд;**

- таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи амсилаи ҳамкории самарабахш байни оила ва муассисаи таълимӣ дар таҳсилоти ибтидоии муосир, ба таври самаранок ташаккул додани ҳамкории онҳо **фароҳам меоварад**;

- озмоиш ва ҷорӣ намудани барномаи ҳамкориҳои самарабахши оила ва муассисаи таълимӣ ба худҳавасмандсозӣ, худташкилкунӣ ва худрушддиҳии онҳо **кӯмак мерасонад;**

- мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кор бо падару модарони

хонандагон дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар такмили ихтисоси омӯзгорон **метавонанд** ба таври васеъ **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон **метавонанд** ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор ва сифати таълим **истифода баранд;**

- муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавон тадрис намуд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиқаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот **таъмин карда шудаанд;**

- маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд **таъмин карда метавонанд;**

- интихоб ва таҳлили шароит ва натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ **таъмин карда шудаанд;**

- тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, **исбот карда шудааст;**

- таҳлилу арзёбӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ бадастомада, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**

- муътамад будани натиҷаҳои ноилшуда ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи диссертатсия **асос ёфтанд;**

- истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил **ба даст омадаанд;**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ, илмӣ-методӣ, таҳқиқотӣ ва ташкили он дар пойгоҳи озмоишӣ **таъмин карда шудаанд.**

- муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самарабахшии дар раванди ташаккули рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи

хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**
- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;
- **дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;
- **дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;
- **дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;
- **дар таҳияи воситаҳои ташхис** барои муайян кардани сатҳи салоҳияти падару модарон;
- **дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;
- **дар коркард ва мавриди озмоиш қарор додани** барномаи татбиқи амсилаи ҳамкории самарабахши оила ва муассисаи таълимӣ;
- **дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлис аз 17 июли соли 2025, №75 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 9 нафар, муқобили – 1, бюллетенҳои беэътибор - нест

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 17.07.2025

Мухри муассисае, ки дар заминаи он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст.